**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Юсуфӣ Ифтихор Абубакрзода дар мавзуи «Бунёди иншоотҳои азим дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ)**

Дар шароити соҳибистиқлолии кишвар омӯзиши инъикос ва таҷассуми воқеиятҳои иҷтимоӣ дар публитсистика дорои аҳаммияти хосса гардидааст. Солҳои соҳибистиқлолӣ барои ҷомеаи тоҷик давраи татбиқи лоиҳаҳои бузурги инфрасохторӣ – сохтмони роҳҳо, нақбҳо, неругоҳҳои барқи обӣ, пулҳо ва дигар иншооти стратегии кишвар ба ҳисоб рафта, ин равандҳо дар баробари аҳаммияти иқтисодию сиёсӣ, дар тафаккури ҷомеа ва эҷодиёти намояндагони адабиёт ва журналистика низ ҷойгоҳи махсус пайдо намуданд. Аз ин рӯ, таҳқиқи таҷассуми ин падидаҳо дар осори публитсистони тоҷик яке аз масъалаҳои муҳими рӯзноманигорӣ ва публитсистикашиносии муосир мебошад.

Автореферати диссертатсияи Юсуфӣ Ифтихор Абубакрзода ба таҳқиқи ҳамин масъала бахшида шуда, фаъолияти эҷодии Шералӣ Мӯсо аз дидгоҳи инъикоси раванди бунёди иншоотҳои азими кишвар мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор гирифтааст. Аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки муаллиф масъалаи интихобшударо дар заминаи таҳлили осори публитсистию бадеии адиб, истифодаи сарчашмаҳои илмӣ ва татбиқи усулҳои муосири таҳқиқ баррасӣ намуда, кӯшиш кардааст то ҷойгоҳи Шералӣ Мӯсоро дар рушди публитсистикаи даврони соҳибистиқлолӣ муайян созад.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқ дар автореферат асоснок шарҳ дода шудааст. Муаллиф дуруст таъкид менамояд, ки то имрӯз фаъолияти публитсистии Шералӣ Мӯсо вобаста ба инъикоси сохтмони иншоотҳои бузурги миллӣ ҳамчун объекти мустақили таҳқиқоти илмӣ мавриди омӯзиши фарогир қарор нагирифтааст. Аз ин ҷиҳат, таҳқиқ барои пур намудани як холигии муайян дар илми журналистика ва публитсистикашиносии тоҷик мусоидат мекунад.

Аз муҳтавои автореферат маълум мегардад, ки диссертант осори публитсистию бадеии Шералӣ Мӯсоро ҳамчун объекти таҳқиқ интихоб карда, хусусиятҳои муҳтавоӣ, жанрӣ, услубӣ ва ҳунарии инъикоси сохтмонҳои азим дар эҷодиёти ӯро мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ бо мавзуъ мувофиқат мекунад.

Навгонии илмии таҳқиқ низ равшан инъикос гардидааст. Аз ҷумла, бори аввал фаъолияти публитсистии Шералӣ Мӯсо доир ба сохтмони роҳҳо,

нақбҳо, Неругоҳи барқи обии «Роғун» ва дигар иншооти стратегӣ ба таври комплексӣ таҳқиқ шудааст. Ҳамчунин, таносуби воқеият ва бадеият, хусусиятҳои жанрӣ ва воситаҳои тасвир дар осори мавриди таҳқиқ муайян шуда, саҳми адиб дар рушди публитсистикаи муосири тоҷик аз дидгоҳи илмӣ арзёбӣ гардидааст.

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки дар автореферат ба масъалаҳои методологии таҳқиқ низ диққати зарурӣ дода шудааст. Истифодаи усулҳои таърихӣ, муқоисавӣ, таҳлили мундариҷавӣ ва таҳлили муҳтаво ба ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ мутобиқ буда, барои асоснокии хулосаҳои илмӣ мусоидат намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқ бар пояи омӯзиши васеи осори публитсистию бадеии Шералӣ Мӯсо ва сарчашмаҳои илмии марбут ба мавзуъ ба даст омадаанд.

Сохтори автореферат пайдарпай ва мантиқӣ буда, мазмуни бобҳо ва фаслҳои диссертатсияро ба таври мухтасар, вале пурмазмун фаро гирифтааст. Аҳаммияти назариявии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои бадастомада метавонанд барои рушди назарияи публитсистика, омӯзиши таърихи журналистикаи тоҷик ва таҳқиқи осори публитсистони муосир истифода шаванд. Ҳамчунин аз ҷиҳати амалӣ маводи таҳқиқро метавон ҳангоми таълими фанҳои тахассусӣ, таҳияи китобҳои дарсӣ, курсҳои махсус ва анҷом додани таҳқиқоти минбаъда истифода кард.

Нашри натиҷаҳои асосии таҳқиқ, тибқи маълумоти автореферат, дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маҷмуаҳои илмӣ ба табъ расидааст, ки мутобиқати онҳо ба муҳтавои диссертатсияро тасдиқ менамояд.

Бо вуҷуди арзиши илмии автореферат барои такмили минбаъдаи таҳқиқ баъзе пешниҳодҳоро иброз менамоем:

1. Дар автореферат ҷойгоҳи Шералӣ Мӯсо дар публитсистикаи муосири тоҷик асоснок нишон дода шудааст, аммо ин арзёбӣ бештар дар заминаи таҳлили осори худи адиб анҷом гирифтааст. Агар арзёбиҳои муаллиф дар муқоиса бо публитсистоне, ки доир ба сохтмони Неругоҳи барқи обии «Роғун», роҳҳо ва дигар иншоотҳои бузурги мамлакат асар навиштаанд, шакл мегирифт, илмияти рисола боз ҳам баланд мегардид.

2. Дар матни автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ низ ба назар мерасад (масалан саҳифаҳои 5, 13, 15, 22, 27, 33).

Эродҳои мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, ба аҳаммияти илмӣ, навгонӣ ва арзиши амалии таҳқиқ таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Юсуфӣ Ифтихор Абубакрзода дар мавзуи «Бунёди иншоотҳои азим дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо» муҳтавои асосии диссертатсияро пурра инъикос намуда, аз анҷом ёфтани

таҳқиқоти мустақил ва дорои аҳаммияти назариявию амалӣ шаҳодат медиҳад. Аз рӯйи муҳтаво, навгонии илмӣ, асоснокии натиҷаҳо ва мувофиқат ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ ва пасон 26-уми июни соли 2023 таҳти №295 тағйиру иловаҳо ворид гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) мебошад.

**Муқарриз:**

номзади илмҳои филологӣ,
сармуҳаррири маҷаллаи «Истиқбол» Раҳимҷон Х.
«12» 08 соли 2026

Нишонӣ: 734020, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ,
кӯчаи Ҳосилот, х. 150
Тел.: (+992) 93-489-26-56
E-mail: khushdil_09@list.ru

Имзои Раҳимҷон Х.-ро тасдиқ мекунам:
Масъули бахши кадрҳои
маҷаллаи «Истиқбол» Мирзобедилова Н.А.

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи С. Шерозӣ, 16
Тел.: (+992) 372 38-53-01
E-mail: istikbol2016@mail.ru
«12» 08 соли 2026